# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии № _________**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 01.04.2023, № 9/ҳ.я.**

Барои сазовор донистани Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ).

Диссертатсияи Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзуи "Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иктисодӣ), санаи 12.01.2023, суратмаҷлиси №7 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2021 таҳти №349) барои химоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 01 майи соли 1981 дар шаҳри Хуҷанд, таваллуд шудааст. Соли 1998 ба Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2003 хатм намудааст. Аз соли 2019 то инҷониб дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамчун муаллими калон фаъолият бурда истодааст.

Тӯли солҳои 2011-2020 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ таҳсил намудааст. Мавзуи диссертатсияи Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзуи "Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) бо Қарори ҷаласаи Шурои олимони факултети баҳисобгирӣ ва андози Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳти рақами №10 аз 4.05.2022 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Азимов Абдумавлон Ҷалилович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Султонов Зубайдулло Султонович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва карзи Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон;

**Бобоев Анвар Абдуллоевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими пешбари илмии шӯъбаи таҳқиқотҳои демографии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар– Донишгоҳи давлатии молия ва тиҷорати Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маъдиев С., омода карда шуд ва дар ҷаласаи кафедраи оморӣ Донишгоҳи давлатии молия ва тиҷорати Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2023, суратҷаласаи №8 баррасӣ гардид, ҳуҷҷат аз тарафи раиси ҷаласа мудири кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва тиҷорати Тоҷикистон н.и.и., дотсент Холов Р.Ш. имзо шудааст. Тақриз аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А аз 5 марти соли 2023 тасдиқ шудааст.

Муасисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки диссертатсия кори илмӣ-тахассусиро дар бар гирифта, дар он пешниҳодҳо ва коркардҳои нави аз ҷиҳати илмӣ асоснок мавҷуданд. Инчунин, дар он асосҳои назариявии зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши байналхалқии қувваи корӣ дар давраи муосир омӯхта шуда, механизми дастгирии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва модели миллии ҳамкориҳои байниидоравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда баромада шуданд.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзуи “Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, кори илмию таҳқиқотии мустақил ва бaанҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадӣ, талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021), мутобиқ ва ҷавогӯй буда, муаллифи он Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯи мавзӯи диссертатсия:**

1.Тоҷибоева М.Н. Танзими равандҳои муҳоҷират дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ [Матн] / А.Ҷ. Азимов, М.Н. Тоҷибоева // «Иқтисодиёти Тоҷикистон» Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 №1. Душанбе. С.201-208

2.Тоҷибоева М.Н. Ҷанбаҳои назариявии бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / М.Н. Тоҷибоева // «Иқтисодиёти Тоҷикистон» Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри ҷашнӣ ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021 №2. Душанбе. 2021 С.159-164

3.Тоҷибоева М.Н. Таҳлили вазъи муосири муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии он. [Матн] / Азимов А.Ҷ., М.Н. Тоҷибоева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ 2020 №3. Душанбе.С145-150.

4.Тоҷибоева М.Н. Рафтори муҳоҷиратии аҳолии Тоҷикистон ва ҷараёни таҳаввулоти он. [Матн] / М.Н. Тоҷибоева, З.А. Азимова //Ахбори ДДҲБСТ Маҷалаи илмӣ-назариявӣ. 2017 № 5. Хуҷанд. С. 85-91.

5.Таджибаева М.Н. Эволюция миграционного процесса в трансформационной экономике Евразийского региона (на примере Республики Таджикистан ) [Текст] / М.Н. Таджибаева // Вестник Ошского государственного университета№3.-2016 С. 36-41

6.Таджибаева М.Н. Внутренняя миграция и ее влияние на социально-экономические процессы Республики Таджикистана. [Текст] / М.Н. Таджибаева //Вестник ТГУПБП 2012 №3(51) Худжанд С. 175-180.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**1. Авезов Азизулло Ҳабибович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд;

**2. Алиҷонов Ҷамшед Абдуқаюмович**- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров;

**3. Шодиев Бурҳониддин Саидалиевич**- номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризогии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

- **Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар асоси ичро кардани тахқиқоти илмӣ:**

- тамоюли афзоишёбандаи чараёнхои мухочирати меҳнатӣ, хусусиятҳои кунунии баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ, ки муҳоҷирони меҳнатии баргашта нисбат ба дигар аҳолии қувваи қобили меҳнат дорои сатҳи баланди омодагии касбӣ ва тахассуси муосир мебошанд, омӯхта шуда, доир ба беҳтар намудани вазъи касбомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ таклифу пешниҳодҳо омода карда шудааст.

-дар асоси гузаронидани пурсиши сотсиологӣ ақида оид ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, касбомӯзии муҳоҷирон ва муайян кардани сабабҳои баргашти онҳо асоснок карда шудаанд.

-тафсири муаллифии мафҳуми «муҳоҷирони меҳнатии баргашта» ҳамчун зуҳуроти нав, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" дарҷ нагардидааст коркард ва пешниҳод шудааст.

-бо татбиқ намудани сиёсати мақсаднок дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ, мумкин аст ба натиҷаҳои дилхоҳ дар рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар ноил гашт. Дар асоси гузаронидани пурсишномаи сотсиологӣ бо муҳоҷирони меҳнатии баргашта муқаррар гардид, ки қисми зиёди онҳо омода ҳастанд баъди аз рӯйхати "манъшудагон" баромадан боз ба муҳоҷирати меҳнатӣ равона гарданд ва ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда, такмили қонунгузории миллӣ дар ин самт зарур мебошад.

-ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ методикаи нави таҷрибавӣ дар шафофияти пурсиши сотсиологӣ мушоҳида мегардад. Зеро пурсиш бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ бо ҳамкории Институти иқтисодиёт ва демография Академияи милли илмҳои Тоҷикистон ва устодони Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон баргузор гардид. Инчунин аввалин маротиба механизми муосири хизматрасонии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии баргашта, модели миллии ҳамкориҳои байниидоравӣ бо мақсади таъмини идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират, ҳалли мушкилот оид ба ин самт коркард шуданд.

-дар ҳолати ҳалли масъалаи зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамгироии онҳо дар ҷамъият тавассути татбиқи барномаҳои давлатӣ, татбиқи масъалаҳо оид ба танзими равандҳои муҳоҷират ва дастгирии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин самт муътадил мегардад. Вобаста ба ин, рушди ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ ҷиҳати татбиқ намудани механизмҳои идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ таъмин мегардад.

-муносибатҳои ғайрианъанавӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар он зоҳир мегарданд, ки кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон сиёсати нави муҳоҷиратиро оид ба ҷалби қувваи кории хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои

иқтисодию демографӣ татбиқ менамоянд. Ин гуна вазъиятро ба инобат гирифта, кишварҳои интиколдиҳандаи муҳоҷирони меҳнатиро лозим аст, ки қонунгузории миллии худро аз лиҳози манфиатҳои давлатӣ ва нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос дар амал ҳалу фасл намоянд.

-исбот шудааст, ки тайи солҳои охир равандҳои рондан ва берун кардани муҳоҷирони меҳнатии кишварамон аз хориҷа афзоиш ёфтааст ва ин ҳолат мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва худи муҳоҷиронро ба ташвиш овардааст. Ҷиҳати пешгири намудани чунин ҳолати ташвишовар корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳиро бо муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳолии кишвар, инчунин гуфтушунидҳои байнидавлатиро бо давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон барпо намудан зарур аст. Истифода бурдани ғояҳои нави илмӣ дар истеҳсолот оид ба паст кардани шумораи муҳоҷирони рондашуда ва аъзои оилаи онҳо, метавонад вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва некуаҳволии шаҳрвандонро дар самти муҳоҷирони меҳнатӣ беҳтар гардонад.

-вобаста ба он, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ, байналхалқӣ ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» мафҳуми «муҳоҷирони меҳнатии баргашта» дарҷ нашудааст, унвонҷӯ ба мақсад мувофиқ донистааст, ки ин гуна мафҳумро аввалин маротиба муайян намояд. Ба ақидаи унвонҷӯ: муҳоҷирони меҳнатии баргашта - ин шахсоне мебошанд, ки муҳлати муайян дар хориҷа фаъолияти кориро ба амал меоварданд ва бо сабаби риоя накардани қонунгузории давлати қабули муҳоҷирон, ба ватан баргардонида – берун ё ронда мешаванд.

-чунин таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши байналхалқии қувваи корӣ дар таҷрибаи амалии кишвар аввалин маротиба гузаронида шудааст ва аз нуқтаи назари мо натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти вазорату идораҳои давлатии ин соҳа истифода бурдан мумкин аст. Дар таҳқиқот маводҳои таҷрибавию муқоисавӣ, таҳлили маводҳои оморӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурсиши сотсиологӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо, коркарди хулосаю таклифҳо ва ғайраҳо барои васеъ кардани тасаввурот оид ба омӯзиши масъала ба кор бурда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада доираҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди омӯзиш қарор додан мумкин аст, ки он истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқотро васеъ мегардонад.

-дар диссертатсия маҷмӯи методҳои таҷрибавию ададӣ ба монанди методи коррелятсионӣ ва регрессионӣ, коркарди маълумотҳои оморӣ, таҳқиқоти назариявӣ, мушоҳида, миқдорӣ ва сифатӣ ва дигарҳо истифода бурда шуданд, барои дарёфти натиҷаҳои илмӣ мусоидат намуданд.

-бо дарназардошти омӯзиши асосҳои назариявии баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ мавқеъ ва далелҳои овардашуда оид ба афзоиш ёфтани ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ инчунин фарзия вобаста ба он ки рушди ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ раванди муҳоҷирати меҳнатиро ба

танзим оварда бехтар менамояд, ин гуна баён шудани унсури назариявӣ ва ғояи унвонҷӯ дар кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст.

-дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои нав яъне баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши байналхалкии кувваи корӣ ошкор карда шуд. Ба ғайр аз он аз сабабҳои баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ва беҳтар намудани яке аз самтҳои нави баамаломада, ҳамчун масъалаи нави назариявӣ исбот гардидааст.

-робитаи далелҳо оид ба он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони мехнатӣ хамчун яке аз самтҳои муҳоҷиртаи меҳнатӣ дар солҳои охир ба назар мерасанд ва ҳалли ин масъала оид ба танзим даровардани яке аз чараёнҳои муҳоҷиртаи мехнатӣ мебошад омӯхта шуданд ва мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

-дар кори диссертатсионӣ пешниҳодҳо доир ба такмил додани қонунгузории миллӣ дар самти зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирати меҳнатӣ тартиб додан ва зарурати қабул кардани стратегияю барномаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади тадбиқи сиёсати самараноки давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардиданд.

-натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни тахия ва дар амал ҷорӣ намудани Стратегияи рушди иҷтимоӣ иқтисодӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Хуҷанд, ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанни асосҳои демография мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти назариявию методии таҳқиқот.** Моҳияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки институтҳои идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ зимни асоснок намудани идоракунии давлатии ҷараёнҳои муҳоҷират дар коркарди барномаҳои рушди иқтисодии мамлакат ва самаранок истифода бурдани қувваи корӣ ва баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав муайян месозад. Тавсияҳо оид ба ошкор намудани мушкилиҳои баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ, ба танзим овардани ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ метавонанд ба такмили механизмҳои ба даст овардани мувозинати талабот ва пешниҳодоти кувваи корӣ дар шароити буҳрони иқтисодӣ, ҳамчунин беҳтар намудани фаъолият оид ба ҳалли мушкилоти ин самт мусоидат намоянд.

-**таҳқиқоти** гузаронидаи унвонҷӯй ба масъалаҳои кунунии баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити зуҳуроти нави муҳоҷирати муайян равандҳои идоракунии ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ гардида карда шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ҳангоми такмили ҷамбаҳои назариявӣ-методӣ ва амалииии мукаммалгардонии раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

- **қонунияти** рушди босамари бозори меҳнат бидуни дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ амалан ғайриимкон аст, исбот карда шудааст. Инчунин, ба таври назаррас баланд бардоштани нақши давлат дар раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ, зарурияти танзими давлатии ин равандҳо бо назардошти хусусиятҳо иқтисодиёт асоснок карда шудааст;

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок:**

- **вобаста ба мавзуи таҳқиқот** бо мақсади баланд бардошти дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо гузаронидани таҳлилҳо бо истифодаи усулҳои таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва иқтисодӣ-риёзӣ ва муқоисавӣ; омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта, дар рушди раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва коркарди он бо мақсади истифодабарӣ бо назардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст;

- **асоснок шудааст,** ки самаранок истифодабарии қувваи корӣ, ҳамчун омил метавонад ба васеъ намудани раванди муҳоҷиратӣ таъсири мусбӣ расонида ба рушди босуръати устувори иқтисодиёти миллӣ, паст гардидани сатҳи бекорӣ аз ҳисоби ташкили ҷойҳои кории нав, баланд гардидани рақобат байни корхонаҳо, ки ин дар навбати худ ба баланд шудани сифати кор ва зиёд гардидани имкониятҳои аҳолӣ барои соҳиб шудан ба ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд;

- **исбот карда шудааст,** ки ҷанбаҳои институтсионалӣ ва мукаммалгардонии базаи меъёрии ҳуқуқии рушди раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав дар асоси таҳияи маҷмуи чорабиниҳои давлатӣ, маблағгузории лоиҳавии давлатӣ, пешниҳоди дотатсияҳо ва субсидияҳо, рушди бозори меҳнат таъсири назаррас доранд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- **аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро дар вақти коркарди муқаррароти назариявию методӣ оид ба беҳтар кардани раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба масъалагузории дар кори илмӣ ҷойдошта самаранокии мукаммалгардонии раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав мавриди татбиқ қарор дода шудаанд;

- **натиҷаҳои таҳқиқоти** методию назариявии гузаронидашуда дар оянда метавонанд ҳамчун базаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии механизми самаранок истифода бурдани қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак кунанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таҳия ва дар амал ҷорӣ намудани Стратегияи

рушди иҷтимоӣ иқтисодӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Хуҷанд (маълумотнома №118 аз 31.05.2022с.), ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маълумотномаи №93 аз 30.04.2022с.) ҳангоми тадриси фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Макроиқтисод», «Омор» ва «Асосҳои демография» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки:**

- дар таҳқиқоти анҷомгардида ҳамаи он масъалаҳое, ки дар самти мукаммалгардонии раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методикаҳо ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин гардидаанд;
- дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардии омории натиҷаҳои таҳқиқот, гузаронидани пурсишномаҳои иҷтимоӣ (сотсиологӣ) ва интишорот тасдиқ мегарданд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Шӯрои диссертатсионӣ аз он хулосабарорӣ намуд, ки диссертатсияи пешниҳодшуда кори илмии ба анҷомрасонидашуда буда, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) мувофиқат намуда, ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 67 ва 69-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,профессор)"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси рӯзи 01.04.2023 с, протоколи №7 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 9 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд. Аз ин 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) мебошанд.
Дар овоздиҳӣ аз 9 нафар ( 9-доктори илм) 9 нафар иштирок карданд.
Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "зид" –нест, "варақаи беэътибор" –нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Қурбонов А.К.**